«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
________________________
«___»____________с. 2022

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Муминзода Орифҷони Сафо аспиранти шӯъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 2014 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 24010200 – ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи аспирант бо Қарори Шӯрои олимони факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 – уми апрели соли 2017, таҳти №8 (16-17) тасдиқ шудааст.

Муминзода Орифҷони Сафо дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун аспиранти шӯъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи гражании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи

сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ» ва ихтисос (12. 00. 03 – Ҳуқуқи граждан͡ӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (тахти №03/1166-03-05, аз 05 – уми майи соли 2021.).

Роҳбари илмӣ – Қурбонов Қурбон Бобоевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣи факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Дар натиҷаи якчанд муҳокимаҳо диссертатсияи мазкур аз ҷониби кафедра барои ҳимоя муносиб дониста шуд.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Яке аз воситаҳои таъмини ҷуброни зарар ҳангоми ҳодисаҳои садамавии автомобилӣ суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣи соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ мебошад. Бинобар ин, интихоби ин мавзуъ барои такмили механизми ҳифзи манфиатҳои қонунии субъектони ҳуқуқи гражданӣ мубрам аст.

Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ имкониятҳои нави ҳимояи неъматҳои бо қонунгузории ҳуқуқи гражданӣ ҳифзшавандаро ба вуҷуд овард. Дар шароити муосир суғурта ба яке аз воситаи маъмул ва паҳншудаи ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, молу мулки субъектони муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ табдил ёфтааст. Суғурта ин низоми устувори муносибатҳои иқтисодӣ ва кафолати ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Барои ҳар як давлат рушди босуботи муносибатҳои суғуртавӣ дар самти коҳиш додани ҷавобгарии иловагии низоми буҷетӣ муҳим арзёбӣ мешавад, зеро ташаккули фондҳои суғуртавӣ воситаи ба ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ рӯхдода мусоидат менамоянд. Суғурта дар замони имрӯза падидаи муҳимми давлатҳои муосир ва

иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад. Инсоният аз даврони қадим ба суғурта ҳамчун асоси ҷуброни намудани зарари дар натиҷаи ҳодисаҳои гуногун бамиёномада муносибат намудааст.

Дар қонунгузории аксарияти давлатҳо суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданини соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст, ки хавфи баланд доштани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, манбаи хатари калон будани нақлиёти автомобилӣ, эҳтимолияти зиёди зарар расонидан ба ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт ва асосҳои дигар тақозо менамоянд, ки ин намуди суғурта умумиҳатмӣ бошад. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дорад.

Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданини соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ яке аз намудҳои паҳншудаи суғурта дар соҳаи нақлиёт ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои номусоид, барои ҷамъият аҳамияти зиёд дорад. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданини соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ таърихи қадима дошта, яке аз шаклҳои аввалини пайдоиши суғурта мебошад, чунки аввалин маротиба суғурта дар соҳаи нақлиёт (нақлиёти баҳрӣ) пайдо шудааст. Намуди суғуртаи мазкур таърихи тӯлонии рушду инкишофро паси сар намуда, имрӯз аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, ҶТ онро қонунан мустаҳкам намудаанд ва онро василаи беҳтарини ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ пазируфтаанд.

Дар Тоҷикистон ин намуди суғурта таърихи зиёд надошта, дар раванди рушд қарор дорад. Дар раванди мазкур бояд татбиқнамоии қонунгузориро дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода, механизми ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидаро, ки дар садамаи нақлиётӣ зарар дидааст, такмил дод.

Қонунгузории ҶТ оид ба суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ташаккул ёфта, дар марҳилаи рушд қарор дорад. Дар марҳилаҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар асоси қонунгузории умумии суғуртавӣ танзим карда мешуд. Минбаъд Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт» аз 10 июни соли 1996 қабул гардид ва дар қонунгузории миллӣ аввалин санади меъёрие буд, ки ин намуди суғуртаро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси он танзим намудааст. Марҳилаи нави рушди қонунгузорӣ дар бораи ин намуди суғурта баъди қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» аз 7 августи соли 2020, №1719 ба вуҷуд омад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро муайян намуда, ба таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ҳангоми расондани зарар дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт равона шудааст.

Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажуҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи суғурта дар умум баррасӣ шудааст, на суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Сатҳи таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ. Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои умумии суғурта, таърихи он, суғуртаи нақлиёт, суғуртаи ҷавобгари гражданӣ, суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла,

корҳои илмии олимони ватанӣ – Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, М.З. Раҳимзода, Ф.С. Сулаймонов, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҷ.С. Муртазозода, А.В. Золотухин, Ш. Каримзода, А.Д. Ғафурзода, Қ.Б. Қурбонов, М.А. Қодиров, Д.Г. Хоҷамуродов, Н. Шаропов, А. Ҷабборов ва дигарон фарогири масъалаҳои зикргардида мебошанд.

Дар фазои илмии хориҷӣ масъалаҳои умумии суғурта аз ҷониби В.И. Серебровский, В.К. Райхер , Иделсон, В.Р., Рибников, С.А., Иделсон, С.А. ва масъалаҳои махсуси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ бошад, дар сатҳи диссертатсия аз тарафи К.Д. Ишо, Н.М. Копилкова, А.М. Лавров, Н.В. Логвина, И.Ю. Матвеева, Т.М. Рассолова, А.А. Собчак, А.А. Субботин, Л.И. Рейтман ва дигарон таҳқиқ гардидааст.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- муайян намудани заминаҳои таърихии рушди танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар марҳилаҳои гуногун ва таҳлили манбаъҳои танзимкунандаи масъалаи мазкур;

- коркарди мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

- таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқи граждании шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ва табиати ҳуқуқии он;

- таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

- мушаххас гардонидани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ва баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо;

- баррасии масъалаҳои ҳуқуқии пардохти суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ, муҳлат ва дигар хусусиятҳои хоси шартномаи суғуртаи

ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

- таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мувофиқи қонунгузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба танзими ҳуқуқии он;

- таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур.

Ба ҳимоя аз ҷониби муаллиф 6 нуқтаи илмӣ, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода месозанд ва пешниҳодҳои амалӣ дар хусуси мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар соҳа пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои суғуртавӣ мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи граждани – суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳатмии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи суғуртавӣ, курсҳои махсуси ҳуқуқи шартномавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатмӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**1.** Муминзода О.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар бораи суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар кишварҳои ИДМ [Матн] / О.С. Муминзода // Паёми ДМТ. – 2018. – № 216. – С. 213-219.

**2.** Муминзода О.С. Зарурияти ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилоти байналмилалии Низоми байналмилалии суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти корти сабз [Матн] / О.С. Муминзода // Паёми ДМТ. – 2018. – № 217. – С. 241-249.

**3.** Муминзода О.С. Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / О.С. Муминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 2 (38). – С. 51-56.

**4.** Муминзода О.С. Баъзе аз хусусиятҳои суғуртаи масъулияти соҳибони воситаи нақлиёт дар Иттиҳоди Аврупо [Матн] / О.С. Муминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 3 (39). – С. 50-57.

**5.** Муминзода О.С. Рушди қонунгузории суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар даврони истиқлолият [Матн] / О.С. Муминзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – № 1 (33). – С. 139-152.

**6**. Муминзода О.С. Мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ [Матн] / Қ.Б. Қурбонов, О.С. Муминзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 3 (43). – С. 46-53.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

**7.** Муминзода, О.С. Такмили қонунгузории суғуртавӣ заминаи рушди соҳа [Матн] / О.С. Муминзода // Минбари ҳуқуқшинос. – 2017. – № 19-22 (73-7). – С. 15.

**8.** Муминзода О.С. Рушди қонунгузории суғуртаи масуълияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / О.С. Муминзода // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 18.05.2018). – Душанбе, 2018. - С. 116-119.

**9.** Муминзода О.С. Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёт дар давраи то Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / О.С. Муминзода // Маводҳои конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ». – Душанбе, 2019. - С. 404-409.

**10.** Муминзода О.С. Ответственность сторон по договору обязательного страхования гражданской ответственности владельцев автотранспортных средств [Текст] / М.М. Сохибзода, О.С. Муминзода // The issue contains: proceedings of the 1st International scientific and practical conference on science, education, innovation: topical issues and modern aspects. (Tallinn, Estonia, 16-18.12.2020). – С. 726-735.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 8 аз 31-уми марти соли 2022.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи ҳуқуқи граждании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор,Корманди шоистаиТоҷикистон: Ғаюров Ш. К.

**Котибаи ҷаласа:** Хоҷамуродов Д.Г.

Имзоҳои Ш.К. Ғаюров ва Д.Г. Хоҷамуродовро
тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«07» 04 2022